**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Парвоева Нурчаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Диссератсияи Парвоева Нурчаҳон Зармастовна ба таҳқиқи яке аз забонҳои гурӯҳи шарқии эронии Точикистон – забони вахонӣ, ки дар водии дурдасти Вахони ноҳияи Ишкошим мустаъмал аст, дар муқоиса бо забони англисӣ бахшида шудааст.

Доир ба забони вахонии мустаъмал дар водии Вахон маълумотҳои мухтасар дар корҳои илмии шарқшиносон И. И. Зарубин, Д. Р. Лоример, С. Климчитский, Т. Н. Пахалина, А.З.Розенфелд, И.М.Стеблин-Каменский ва дигарон дида мешавад, вале мавзуе, ки мавриди таҳқиқи диссертант Парвоева Н.З. қарор гирифтааст, яъне таҳқиқи муқоисавии зарбулмасалу мақоли точикони вахонизабон бо забони англисӣ аз назари забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ то имрӯз, воқеан, ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Ҳаминро қайд бояд кард, ки забони вахонӣ вожаҳоеро дар худ нигоҳ доштааст, ки дар забонҳои точикию форсӣ кайҳо ба қатори калимаҳои архаистӣ ворид шудаанд ва маънои он калимаҳоро танҳо метавон аз фарҳангҳои қадима дарёфт кард. Чунин калимаҳо дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо низ зиёд ба чашм мерасанд. Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ дуруст буда, дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар муқаддима доир ба муҳиммияти мавзуи диссертатсия, дарачаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, усул ва методи таҳқиқ, навоварии илмӣ ва саҳми шахсии муҳаққиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуъ ва манбаъҳои илмӣ маълумот дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ», ки аз панч фасл таркиб ёфтааст, доир ба тафовути зарбулмасал аз мақол аз назари забоншиносон ва фолклоршиносон, қолабҳои сохторию маъноии онҳо, аз таърихи таҳқиқоти зарбулмасалу мақолҳо дар забоншиносии точик ва монанди ин маълумот медиҳад. Дар фасли панчуми боби мазкур зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун сарчашмаи маълумот доир ба фаҳмишу дарки чаҳони гӯишварони забонҳои бехат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби дигари диссертатсия «Вижагиҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» номгузорӣ шуда, аз шаш фасл ва зерфаслҳо ташкил шудааст. Дар ин боб зарбулмасалу мақолҳо аз рӯйи мавзуъ тасниф шуда, масъалаҳое ба монанди инъикоси арзишҳои ахлоқӣ, таҷассуми анъанаҳои миллӣ, инъикоси бархе аз махсусиятҳои миллӣ, инъикоси муносибатҳои оилавӣ, инъикоси муносибати инсон ба меҳнат ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Фасли шашуми боби мазкурро муаллифи диссертатсия маҳз ба ифодаи эҳсоси тарсу ваҳм ва марг дар зарбулмасалу мақолҳо бахшида, дар он робитаҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар боби охири диссератсия «Вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ», ки аз се фасл ташкил ёфтааст, муаллифи диссератсия зарбулмасалу мақолҳоро бо дарназардошти хусусиятҳои маъноӣ ба унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ ҷудо намуда, дар навбати худ онҳоро аз рӯйи таркиби ҷузъи ҳайвонотдошта ва узвҳои бадан тасниф намудааст. Дар фасли дуюми боби мазкур муаллифи диссертатсия хусусиятҳои маҷозии зарбулмасалу мақолҳоро тафсир кардааст.

Дар қисмати хулосаи рисола муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии тадқиқотро дар 8 банд ҷамъбаст карда, дар 10 банд тавсияҳои судманд ироа намудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсия чанд камбуду норасоиҳое ба назар расиданд, ки ба назари мо дар оянда барои беҳбудии кайфияти таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии рисола аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, агар дар номи рисола дар ҷойи калимаи «миллӣ-фарҳангӣ» танҳо вожаи «миллӣ» истифода мешуд.
2. Баъзе аз зарбулмасалҳо ба забони вахонӣ аз забони тоҷикӣ интиқол ёфта, аз назари овӣ ба тағйирот дучор шудаанд. Бинобар ин, агар диссертант чунин зарбулмасалу мақолҳоро гурӯҳбандӣ менамуд, беҳтар мешуд.

Новобаста аз камбудиҳои зикргардида, диссератсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) кори илмии бaанҷомрасидаест, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 –

Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллифи он ба ҳадди кофӣ муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд. Дастгоҳи илмии рисола ба меъёрҳои рисолаҳои номзадӣ ҷавоб дода метавонад. Дар маҷмуъ аз ошноӣ ба диссертатсияи Парвоева Н.З. дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ)» бармеояд, ки муаллифи он ҳамчун муҳаққиқи хубе ба камол расида, ба дастовардҳои забоншиносии муосир хуб ошност, аз маводи забонӣ хуб истифода мебарад ва фикру андешаҳои илмии худро бо далелу бурҳон ба таври зарурӣ асоснок карда метавонад. Бинобар ин, мавсуф ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мирбобоев А.

Имзои А.Мирбобоевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

18. 08.2022